# 109321 - Оё такрори умра дар як сол ҷоиз аст?

## савол

Такрори умра дар як сол чӣ ҳукм дорад? (Яъне дар як сол зиёда аз як маротиба умра кардан ҷоиз аст?)

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Дидгоҳи дуруст ин аст, ки дар як сол зиёда аз як маротиба умра кардан ҷоиз аст, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд:

**«Умра то умраи дигар каффораи гуноҳонест, ки байни он ду содир мешаванд. Ҳаҷҷи мабрур ҷуз биҳишт дигар подоше надорад».** Муттафақун алайҳ. *(Ривояти Бухорӣ 1773 ва Муслим 1349).*

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод". Поёни сухан.

Кумитаи доимӣ оид ба таҳқиқоти илмӣ ва фатводиҳӣ.

Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз , Шайх Абдурраззоқ Афифӣ , Шайх Абдуллоҳ ибни Ғадаён , Шайх Абдуллоҳ ибни Қаъуд.

"Фатово-л-лаҷнати-д-доима" (11/334).